آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

3 майи соли 2023 Чоршанбе

№ 35 (14943)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## САФАРИ ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН БА ОЛМОН ОҒОЗ ЁФТ

***Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо рафиқааш бинобар даъвати Президенти Федералии Олмон Франк-Валтер Штайнмайер 2 май бо сафар ба Берлин рафт.***



Дар аэропорти «Берлин-Бранденбург» ба истиқболи сарвари Ўзбекистон парчамҳои давлатии ду мамлакат афрохта шуд, қаровули фахрӣ саф ороcт.

Меҳмони олиқадрро шахсони расмии Олмон пешвоз гирифтанд.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев сафари худро ба Олмон аз гуфтушунид бо Сарвазири Федералӣ Олаф Шолтс оғоз кард.

Дар ибтидои мулоқот роҳбари давлати мо ба Сарвазири Олмон барои истиқболи гарм самимона сипосгузорӣ намуд.

Таъкид гардид, ки Ўзбекистон дар симои Олмон шарики муътамад ва стратегии худро мебинад, кишварҳои моро решаҳои амиқи таърихӣ пайванд мекунанд. Солҳои охир муносибатҳои ўзбекистониву олмонӣ бинобар тамоми самтҳо муттасил инкишоф меёбанд.

Рушди дукаратаи мубодилаи тарафайни мол ва миқдори лоиҳаҳои муштарак бо қаноатмандӣ қайд карда шуд. Ҳаҷми сармояҳои олмонӣ ба иқтисодиёти Ўзбекистон ба 5,5 миллиард доллар расид, 4 миллиарди он тӯли чанд соли охир ҷалб карда шуд.

Ба анҷумани муштараки тиҷоратӣ, ки бинобар натиҷаи он муоҳидаҳо бобати татбиқ намудани лоиҳаҳои нави тиҷоратӣ, сармоявӣ ва технологӣ дар ҳаҷми 9 миллиард доллар ба имзо расиданд, баҳои баланд дода шуд.

Сухан аз хусуси кооператсия дар соҳаи энергетикаи «сабз», истихроҷ, соҳаҳои кимиё ва доруворӣ, бозсозии инфрасохтори нақлиётӣ, рақамикунонии хоҷагии қишлоқ, сармояҳо ва дигар самтҳои бартаринок меравад.

Ба мақсади дастгирӣ намудани лоиҳаҳои ширкатҳои Олмон дар Ўзбекистон бинобар шарикии васеъмиқёс бо бонкҳои KfW, Дойче-бонк ва ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкориҳои байналхалқӣ муоҳидаҳо ба имзо расиданд.

Омода будани Ҳукумати Олмон ба минбаъд дастгирӣ кардани узвияти Ўзбекистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо ва ҳарчи зудтар имзо гардидани Шартнома оид ба вусъат додани шарикиву ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо изҳор гардид.

Муҳимияти идома додани мулоқоти сиёсӣ таъкид шуд. Ҷонибҳо дар ҷараёни сафар ба имзо расидани Баённомаи байниҳукуматӣ доир ба амиқсозии ҳамкориҳои бисёрҷанбаро дастгирӣ карданд.

Олаф Шолтс сиёсати нави минтақавии Ўзбекистон бобати дар Осиёи Марказӣ ташаккул додани муҳити дӯстӣ ва эътимоди тарафайн, амиқсозии қаробат дар минтақаро дастгирӣ намуд.

Муоҳида дар бораи созмон додани соҳати мулоқот дар шакли «Олмон – Осиёи Марказӣ» имзо гардид.

Масъалаҳои таъмин сохтани амнияти минтақавӣ, аз ҷумла бо дарназардошти вазъият дар Афғонистон баррасӣ шуданд.

Зарурияти пушбурди лоиҳаҳои инсонпарварона, аз ҷумла аз тариқи имкониятҳои майдони логистикӣ ва Маркази таълимӣ оид ба омӯзиши шаҳрвандони Афғонистон дар шаҳри Тирмиз таъкид гардид.

Ба масъалаҳои рушди нақлиёт ва логистика эътибори махсус дода шуд. Ҷонибҳо бобати инкишоф додани Гузаргоҳи наздикаспӣ, ки имкон медиҳад хатсайри самарабахши иртиботи минтақаҳои Осиёи Марказиро бо Аврупо ташаккул диҳад, ҳамраъӣ зоҳир намуданд.

Рӯзномаи тадбирҳои пурмуҳтавои фарҳангиву инсонпарварона бо қаноатмандӣ зикр шуд. Ҷониби Олмон ба намоишгоҳи нодири мероси фарҳангии Ўзбекистон, ки алҳол дар шаҳри Берлин кушода шудааст, баҳои баланд дод.

Ҷонибҳо рағбати рӯзафзуни омӯзиши забони олмониро дар Ўзбекистон дастгирӣ карданд. Бинобар кумакҳои техникии Ҳукумати Олмон барои вусъат додани таълими забони немисӣ дар минтақаҳои мамлакат муоҳида ба даст омад.

Умуман дар доираи сафар 16 ҳуҷҷати байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, савдо, молия, таълим, илм ва инноватсияҳо ба имзо расиданд.

Дар поёни мулоқот роҳбари давлати мо Сарвазири Федералии Олмон Олаф Шолтсро даъват намуд, ки ба Ўзбекистон ташриф оварад.

Сафари Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ба Олмон идома дорад.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## САРОНИ ЎЗБЕКИСТОН ВА ТУРКИЯ МАСЪАЛАҲОИ АМИҚСОЗИИ МИНБАЪДАИ ШАРИКИИ СТРАТЕГИРО БАРРАСӢ НАМУДАНД

**Масъалаҳои минбаъд амиқсозии муносибатҳои фарогири шарикии стратегӣ ва пешбурди лоиҳаҳои бартариноки ҳамкориҳои амалии тарафайн дар ҷараёни суҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Ҷумҳурии Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған, ки 2 май баргузор шуд, муҳокима гардиданд.**

Сарвари Туркия роҳбари давлати моро бо баргузории бомуваффақияти раъйпурсии умумихалқӣ оид ба ислоҳоти конститутсионӣ самимона муборакбод намуд, ба халқи бародари Ўзбекистон аз таҳти дил фаровонҳолӣ, пешрафт ва шукуфоӣ орзу кард.

Дар ҷараёни суҳбат муҳимияти ҳарчи зудтар татбиқ сохтани лоиҳаҳои бартариноки сармоявӣ дар мамлакати мо бо иштироки ширкатҳои машҳури Туркия таъкид шуд.

Масъалаҳои тайёрӣ ба ҷамъомади навбатии Шӯрои ҳамкории стратегӣ муҳокима гардиданд.

Дар анҷоми гуфтушунид роҳбари Ўзбекистон ба сарвари Туркия дар интихоботи президентӣ, ки мобайни моҳи майи соли равон баргузор хоҳад шуд, комёбиҳо орзу кард.

**ЎзА.**

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ РАҒБАТНОКСОЗИИ ИШТИРОКДОРОНИ ҶАНГИ ДУЮМИ ҶАҲОН

Ба мақсади дар мамлакат васеъ таҷлил намудани 9 Май – Рӯзи Хотира ва қадр ҳамчун ҷашни умумихалқӣ, абадӣ гардонидани хотираи гузаштагоне, ки дар Ҷанги дуюми ҷаҳон фавтидаанд, гиромидошти собиқадороне, ки имрӯз ҳам дар сафи мо буда, барои баланд бардоштани обрӯи Ватан ва тарбияи маънавию ахлоқии ҷавонон саҳм мегиранд, ҳамчунин рағбатноксозии моддии иштирокдорон ва ногиронҳои ҷанг ба муносибати 78-умин солгарди Ғалаба бар фашизм:

1. Мукофоти пулии якдафъаина барои ҳар як иштирокдор ва ногирои Ҷанги дуюми ҷаҳон дар ҳаҷми **18 000 000** (ҳаждаҳ миллион) сӯм муқаррар карда шавад.

2. Хароҷоти вобаста ба татбиқсозии Фармони мазкур аз ҳисоби маблағи ҷумҳуриявии буҷаи Ҷумҳурии Ўзбекистон пардохта шавад.

3. Ба Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимияти вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки якҷо бо Вазорати мудофиа, Гвардияи миллӣ, Хидмати амнияти давлатӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати иқтисодиёт ва молия, Вазорати фарҳанг ва сайёҳӣ, Вазорати шуғл ва коҳиш додани нодорӣ, Маркази ҷумҳуриявии маънавият ва маърифат дар вазъи мутантан ва идона супурдани ин мукофоти пулиро ба иштирокдорон ва ногироҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон таъмин намоянд.

4. Назорати иҷрои Фармони мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А.Н.Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*2 майи соли 2023.*

## ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНӢ БО ОВОЗДИҲИИ УМУМИХАЛҚӢ ҚАБУЛ ШУД

***30 апрели соли 2023 дар мамлакати мо бо иштироки фаъоли шаҳрвандон раванди муҳими сиёсӣ – раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон баргузор гардид. Халқ барои ояндаи худ ва фардои кишвари мо овоз дод.***

1 майи соли 2023 дар маркази матбуоти Комиссияи марказии интихоботӣ (КМИ) бо иштироки раиси Комиссияи марказии интихоботӣ З. Низомхӯҷаев нишасти матбуотӣ ба амал омад, ӯ иштирокдоронро бо натиҷаҳои пешакии раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон шинос кард.

Таъкид гардид, ки дар овоздиҳӣ 16 миллиону 673 ҳазору 189 нафар, ё худ 84,54 фоизи интихобкунандагон иштирок карданд. Вобаста ба ин барои сухан гуфтан дар бораи он, ки лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Ўзбекистон қабул шуд, асосҳои кофӣ ҳастанд.

Дар нимаи дуюми рӯз дар маркази матбуот ҷамъомади Комиссияи марказии интихоботӣ бахшида ба натиҷаҳои хотимавии раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон ба амал омад.

Раиси Комиссияи марказии интихоботӣ З. Низомхӯҷаев ҳуҷҷатҳро дар бораи натиҷаҳои овоздиҳӣ дар раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки 30 апрели соли 2023 ба вуқӯъ пайваст, хонда дод.

Зикр шуд, ки дар рӯйхати ягонаи электронии интихобкунандагон 19 миллиону 722 ҳазору 809 нафар дохил карда шуда буданд. Дар 55 қитъаи раъйпурсии кишварҳои хориҷӣ 307 ҳазору 895 нафар ба қайд гирифта шудаанд.

Натиҷаҳои овоздиҳӣ дар қитъаҳои раъйпурсие, ки таҳрифҳо ошкор шудаанд, аз ҷониби Комиссияи марказии интихоботӣ ғайриҳақиқӣ эътироф гардиданд. Бо назардошти санади мазкур миқдори овоздиҳандагон 16 миллиону 667 ҳазору 97 нафар (84,51 фоиз)-ро ташкил дод. 15 миллиону 34 ҳазору 608 нафар ба саволҳое, ки дар раъйпурсӣ ворид карда шудаанд, ҷавоби «ҳа» ва 1 миллиону 558 ҳазору 817 нафар ҷавоби «не» доданд. 773 ҳазору 672 бюллетени овоздиҳӣ ғайриқонунӣ дониста шуд.

Мувофиқи моддаи 39-уми Қонун «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон» Комиссияи марказии интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон дар зарфи на дертар аз даҳ рӯзи баъди баргузории раъйпурсӣ қарори қабулшударо бинобар раъйпурсӣ дар веб-сайти расмии Комиссияи марказии интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва дар манбаъҳои расмӣ интишор менамояд.

Дар ҷамъомад қарори КМИ бинобар масъалаи рӯзномаи маҷлис қабул карда шуд. Бо назардошти он, ки дар раъйпурсӣ 84,51 фоизи интихобкунандагон иштирок кардаанд, мувофиқи Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Қонун «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон» раъйпурсӣ бинобар лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ, ки 30 апрел ба амал омад, баргузоршуда эътироф гардид. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи Сарқонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон» бо овоздиҳии умумихалқӣ қабулшуда эътироф гардид ва пас аз эълони расмии қарори мазкур эътибор пайдо мекунад.

Қарори мазкур дар рӯзи эълони расмии он ба палатаҳои Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон барои ба роҳ мондани ҷараёни иҷрои он равона карда хоҳад шуд.

**Муҳтарама КОМИЛОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ БОБАТИ РАҚАМИКУНОНИИ НИЗОМИ НИГАҲДОРИИ ТАНДУРУСТӢ

Ба мақсади истифодаи технологияҳои пешқадами рақамӣ дар низоми нигаҳдории тандурустӣ, ташаккул додани платформаи нигаҳдории тандурустии рақамӣ, ҷорӣ намудани маҷмӯи пойгоҳи маълумот барои муассисаҳои табобатию ташхисии тамоми дараҷаҳои соҳа, ҳамчунин коркарди таъминоти барномавӣ ва платформаи электронӣ:

1. Барои маълумот қабул карда шавад, ки дар байни Ҷумҳурии Ўзбекистон ва бонки «KfW» барои бо маблағ таъмин сохтани лоиҳаи **«Дастгирӣ намудани ислоҳоти рақамикунонии нигаҳдории тандурустӣ»** (минбаъд – Лоиҳа) **муоҳидаи заёмӣ дар ҳаҷми 45 миллион евро ба муҳлати 12 сол, аз ҷумла давраи панҷсолаи имтиёзнок, ҳамчунин созишномаи грантӣ дар ҳаҷми 5,5 миллион евро ба имзо расидааст.**

**2. Нишондиҳандаҳои техникиву иқтисодии** лоиҳаи «Дастгирӣ намудани ислоҳот бобати рақамикунонии нигаҳдории тандурустӣ» мувофиқи замимаи №1;

**Ҷадвали пешгӯии** баргардондани маблағҳои заёмии бонки «KfW», аз ҷумла пардохти иловапулӣ ва фоизҳо, дар доираи татбиқсозии лоиҳаи «Дастгирӣ намудани ислоҳот бобати рақамикунонии нигаҳдории тандурустӣ» мувофиқи замимаи №2;

«Харитаи амалиёт» бинобар татбиқ сохтани лоиҳаи «Дастгирӣ намудани ислоҳот бобати рақамикунонии нигаҳдории тандурустӣ» мувофиқи замимаи №3;

**Нақшаи чорабиниҳо** бинобар рақамикунонии низоми нигаҳдории тандурустӣ дар солҳои 2023-2025 мувофиқи замимаи №4 тасдиқ карда шаванд.

3. Муқаррар карда шавад, ки:

а) Вазорати нигаҳдории тандурустӣ:

мақомоти иҷроия, масъули саривақт татбиқ кардан ва ҳамоҳанг сохтани Лоиҳа, ҳамчунин **мувофиқи мақсад ва босифат истифода бурдани** маблағҳои заёмӣ ва грантии бонки «KfW»;

**мақомоти кории комиссияи тендерӣ ва контрагент оид ба имзои муоҳидаҳо** дар доираи татбиқсозии Лоиҳа ба шумор меравад;

б) **баргардондани маблағҳои заёмии** бонки «KfW», аз ҷумла, харҷҳои вобаста ба **пардохт ва фоизҳо, пардохтҳои дигар** аз ҳисоби маблағҳои Буҷаи ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Ўзбекистон сарпӯш карда мешаванд;

в) **андоз барои арзиши иловагӣ**, ки ба пардохт барои молҳо (хидматҳо)-е, ки харид ва дар доираи татбиқсозии Лоиҳа кашонда мешаванд, аз ҳисоби **маблағҳои Буҷаи давлатӣ** пардохта мешаванд.

Дар ин маврид маблағҳое, ки дар натиҷаи истифодаи имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ ё худ пардохт аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ сарфа мегарданд, ба сифати саҳме пазируфта мешаванд, ки Ҷумҳурии Ўзбекистон дар татбиқсозии Лоиҳа ворид кардааст.

4. Ба мақсади саривақт ва самарабахш татбиқсозии Лоиҳа **Идораи лоиҳавии идоракунии рақамикунонии муназзами нигаҳдории тандурустӣ** ташкил карда шавад ва фаъолияти он аз ҳисоби маблағҳое, ки дар тартиби асосноки техникиву иқтисодии Лоиҳа муқаррар шудаанд, бо маблағ таъмин гардад.

Дар ин маврид Вазорати нигаҳдории тандурустӣ фаъолияти ҳамоҳанги Идораи лоиҳавии идоракунии рақамикунонии муназзами нигаҳдории тандурустиро татбиқ менамояд.

5. Ба Вазорати адлия супурда шавад, ки **дар муҳлати як моҳ** бобати муоҳидаи заёмӣ ва грантӣ, ки дар байни Ҷумҳурии Ўзбекистон ва бонки «KfW» имзо гардидааст, хулосаи ҳуқуқӣ диҳад.

6. Муайян карда шавад, ки:

пардохт барои рухсатномаи истифодаи низоми иттилоотӣ, ки дар доираи Лоиҳа ҷорӣ карда мешавад, ба рӯйхати хароҷот бинобар ҷорӣ кардани онҳо дохил карда мешавад ва ин рухсатномаҳо **дар тӯли на камтар аз 5 сол баъд аз пурра ба амалиёти низоми иттилоотӣ ҷорӣ намудани онҳо** амал мекунанд;

маблағҳое, ки дар ҷараёни татбиқсозии Лоиҳа сарфа шудаанд, дар **тартиби бартаринок барои рақамикунонии фаъолият ва хариди воситаҳои техникаи компютерӣ барои муассисаҳои кумаки аввалияи тиббиву санитарӣ** равона карда мешаванд;

тартиби қабул барои дар амалиёт истифода бурдани низоми иттилоотӣ, ки дар доираи Лоиҳа коркард шудаанд, **бо ризоияти Вазорати технологияҳои рақамӣ** амалӣ карда мешаванд;

хароҷоте, ки ба **коркард, устувор кардан ва дастгирии техникии барнома ва низомҳои иттилоотӣ** алоқаманд мебошанду барои ташкилоти давлатии тиббӣ заруранд, аз ҳисоби маблағҳое, ки ба Вазорати нигаҳдории тандурустӣ аз Буҷаи давлатӣ ҷудо карда шудаанд, сарпӯш карда мешаванд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

# ОМОДАГӢ БА КИРМАКПАРВАРӢ



***Солҳои охир ба ҳавасмандгардонии истеҳсоли маҳсулоти кирмакпарварӣ, таъмини коркарди барқарори корхонаҳои соҳа ва таъмини корбурди рушди он эътибори махсус дода мешавад. Ин амал ба ҳалли зина ба зинаи нишондодҳои қарори Президент Шавкат Мирзиёев аз 24 феврали соли равон «Дар бораи чораву тадбирҳои боз ҳам ривоҷ додани соҳаи кирмакпарварӣ» нигаронида шудааст.***

Дар вилояти Навоӣ баҳри иҷрои қарори мазкур, бунёди захираи озуқаворӣи кирмакпарварӣ корҳои амалӣ анҷом ёфтаанд. Соли ҷорӣ дар заминҳои хоҷагиҳои фермерӣ шинонидани ҷамъ 3 миллиону 690 ҳазор ниҳоли тут ба нақша гирифта шуда, 3 миллиону 692 ҳазор ниҳол шинонида шуд.

Соли 2022 дар вилоят 17 ҳазор қуттӣ кирми пилла ба аҳолӣ тақсим гардида, 1022 тонна ашёи хоми хушсифат истеҳсол гардид. Соли равон ба аҳолӣ 18 799 қуттӣ кирмак тақсим карда шудааст ва ба даст овардани 1090 тонна ашёи хоми хушсифат дар нақша аст. Барои ноил гардидан ба ин мақсад бо 849 хоҷагии фермерӣ ва 6088 нафар шахсони инфиродӣ ба парвариши мутобиқан 12 709 қуттӣ ва 6090 қуттӣ кирмаки пилла, ҳамчунин ба даст овардани 737 тонна ва 353 тонна ашёи хоми хушсифат шартнома имзо шудааст.

– Дар айни ҳол намояндагони иттиҳодияҳои хоҷагии қишлоқи вилоят, кадастр, Шӯрои фермерҳо дар ҳамкорӣ бо ҶММ «Agropilla» майдонҳои тутзорро аз назар мегузаронанд, – мегӯяд сарҳосилоти ҷамъият Хислат Очилов. – Ҳолати тутҳо аз назар гузаронида мешавад. Дар ҷои тутҳои хушкида ниҳолҳои нав мешинонанд. Соли равон барои барпо намудани майдони тутзорҳои нав ҷудо намудани 5000 гектар замин дар назар аст. Чунки кирмакпарварӣ соҳаи сердаромади хоҷагии қишлоқ мебошад. Зимни васеъ намудани майдони тутзорҳо ҳаҷми истеҳсоли ашёи хоми абрешим афзуда, самаранокии он таъмин карда мешавад.

Бинобар нишондоди қарор бо кор таъмин кардани аҳолии ба «Дафтари оҳанин», «Дафтари занон» ва «Дафтари ҷавонон» воридгардида ва гузаронидани самараноки мавсими кирмакпарварӣ аз ҷониби ҳокимиятҳо муттаҳидгардонии корхонаҳои кирмакпарварӣ дар назар аст. Ба ҳаллу фасли ин масъала дар вилоят корхонаҳои зер масъул гардонида шудаанд: ҶММ «Al-aziz ipagi» дар ноҳияҳои Конимех ва Навбаҳор, корхонаи хусусии «Xatirchi pilla» дар ноҳияи Хатирчӣ, ҶММ «Qiziltepa pillachilic»дар ноҳияи Қизилтепа, ҶММ «Navoiy silk produksion 2020» дар ноҳияҳои Нурато ва Кармана.

Ҳамин тариқ, соли равон дар вилоят 57 752 нафар шаҳрванд бо кирмакпарварӣ машғул мешаванд. Аз ин миқдор 4 773 нафар бо кори доимӣ ва 52 979 нафар бо шуғли мавсимӣ фаро гирифта мешаванд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

*НИГОҲ АЗ ҲИНДУСТОН:*

# МАҚСАДИ АСОСИИ ӮЗБЕКИСТОН ПЕШ БУРДАНИ СИЁСАТИ МУСТАҚИЛОНАИ ХОРИҶӢ МЕБОШАД, КИ БА МУНОСИБАТҲОИ ДӮСТОНА БО ШАРҚ, ҒАРБ ВА ҶАНУБИ ҶАҲОН АСОС ЁФТААСТ

Яке аз марказҳои таҳлилии пешбари Ҳиндустон «Gateway House» мақолаи рӯзноманигор ва нависандаи мустақил Аҷай Камалакаранро дар бораи сиёсати хориҷии муосири Ӯзбекистон нашр кард.

«Ӯзбекистон дар макони беназири ҷуғрофӣ, яъне дар чорроҳае, ки ба Осиёи Ҷануб, Шарқ, Ғарб, Марказӣ ва Русия мебарад, ҷойгир шудааст», – қайд мекунад коршинос. – Оянда кишвар аз истифодаи самараноки ин мавқеи стратегӣ ва муносибати мутавозин ба манфиатҳои гуногуни геосиёсии рақобаткунанда вобаста аст. Дар натиҷаи дастгирии мардуми прагматикии кишвар, ки муносибатҳои дӯстона бо тамоми давлатҳои бузургро муҳим мешуморанд, Тошканд ҳамкориҳои худро дар ин самт мусбат ҳамоҳанг мекунад».

Муаллиф роҷеъ ба ҳамкориҳои Ӯзбекистон бо кишварҳои ИМА, Русия, Ҳиндустон ва Чин изҳори назар кардааст.

«Дар дӯконҳои китобфурӯшии назди бозори Чорсу (асри XVI)-и Тошканд, дар байни маҷмӯаҳои шеър ва дигар адабиёт, шумо инчунин метавонед китобҳои зиёдеро оид ба имтиҳони байналмилалии забони англисӣ ё IELTS пайдо кунед», — менависад ӯ. — Сӣ сол пеш қариб ҳамаи сокинони маҳаллӣ бо забони русӣ озодона харф мезаданд ва имрӯз дар Ӯзбекистон ба омӯзиши забони англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ шавқу ҳаваси калон зоҳир мешавад. Барои бисёре аз ҷавонон, ИМА ба макони дилхоҳ барои таҳсил, кор, тиҷорат ва сафар табдил ёфтааст».

Имрӯз Вашингтон муносибатҳоро бо Тошканд инкишоф медиҳад. Ташрифи Котиби давлатии ИМА Энтони Блинкен ба пойтахти Ӯзбекистон моҳи марти соли 2023 далели равшани он мебошад. Роҳбари департаменти сиёсати хориҷии ИМА дар ҷараёни сафараш, аз ҷумла, ба ислоҳот дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ дар кишвар таҳти роҳбарии Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, кумак ба Афғонистон, инчунин, натиҷаҳои азхудкунии равон намудани сармояи ИМА дар омӯзиши забони англисӣ аз соли 2018, баҳои баланд дод, таъкид мекунад Аҷай Камалакаран.

Вай таваҷҷуҳро ба он ҷалб кард, ки Ӯзбекистон дар равобит бо Русия, Чин ва дигар кишварҳои пешрафта ва созмонҳои байналмилалӣ мавқеъи мутавозинро риоя мекунад.

Коршинос бо таъкид бар он, ки Ҳиндустон дӯсти деринаи Ӯзбекистон аст, изҳори назар мекунад, ки имрӯз дар равобити дуҷониба саҳифаи нав кушода мешавад, ҷонибҳо бояд муносибатҳои сармоягузории мутақобиларо тақвият бахшанд ва қайд кард, ки Ӯзбекистон барои гирифтани раводиди соддакардашудаи электронӣ ба соҳибкорон ва сайёҳони Ҳиндустон имконият фароҳам овардааст.

Муаллифи мақола қайд мекунад, ки муносибатҳои Ӯзбекистону Ҳиндустон анъанавӣ мустаҳкам ҳисобида мешаванд. Сафари Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Моди соли 2022 ба Самарқанд ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои СҲШ аз ҷониби ҳама гарм истиқбол шуд. Кишварҳо дар мавриди бо роҳи осоишта ба эътидол овардани вазъ дар Афғонистон нуқтаи назари муштарак доранд. Машқҳои низомии ду кишвар бо номи «Дӯстлик» дар ду сол як маротиба баргузор мешаванд, ки охиринаш дар моҳи марти соли ҷорӣ баргузор шуда буд.

Муаллиф дараҷаи хамкории фарҳангиро чунин шарҳ медиҳад: «Шоҳруххон ва дигар актёрҳои Ҳиндустон дар Ӯзбекистон хеле машҳуранд. Асарҳои мусиқие, ки барои филмҳои ҳиндӣ навишта шудаанд, дар чорабиниҳои гуногуни маданӣ танин андохта, сериалҳои телевизионӣ намоиш дода мешаванд. Ҳар як меҳмони оддии ҳиндӣ дар Ӯзбекистон метавонад шавқу рағбат ва таваҷҷуҳи намояндагони мардуми маҳаллиро, ки ба фарҳанги ҳиндӣ эҳтироми хоса доранд, ҷалб кунад. Аксари сайёҳони хориҷӣ пайваста дар бораи меҳмоннавозии гарми сокинони маҳаллӣ изҳори назар мекунанд».

«Ӯзбекҳо мекӯшанд, ки бо ҳама дӯст бошанд. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки ба масъалаҳои актуалии тараққиёт диққати калон дода шавад. Мақсади асосии мамлакат пеш гирифтани сиёсати мустақили хориҷӣ дар асоси муносибатҳои дӯстона бо Шарқу Ғарб ва Ҷануби ҷаҳон мебошад. Имрӯз дар ин масъалаи ҳассос мувозинат ба даст оварда мешавад», – хулоса мекунад коршинос мақолаи худро.

**АИ «Дунё»,**

*ДЕҲЛӢ.*

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ БОБАТИ РАҚАМИКУНОНИИ НИЗОМИ НИГАҲДОРИИ ТАНДУРУСТӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

7. Бинобар татбиқ намудани чораҳое, ки ба рақамикунонии низоми нигаҳдории тандурустӣ равона шудаанд, мувофиқи замимаи №5 Ҳайати гурӯҳи корӣ ташкил карда шавад.

Вазифаҳои зерин ба зиммаи Гурӯҳи корӣ (А. Иноятов) гузошта шаванд:

рақамикунонии равандҳо дар низом ва ташкилоти нигаҳдории тандурустӣ, ҳамчунин таъмин намудани қаробати онҳо бо низомҳои иттилоотии мақомоти давлатҳои дигар;

ба роҳ мондани иҷрои саривақтӣ ва босифати супоришҳое, ки дар «харитаи амалиёт» бинобар рақамикунонии низоми нигаҳдории тандурустӣ ва татбиқсозии Лоиҳа дар солҳои 2023-2025 муайян карда шудаанд;

ба роҳ мондани назорат барои муваффақ шудан ба ҳадафҳое, ки дар нишондодҳои асосии техникиву иқтисодии Лоиҳа мушаххас гардидаанд;

таъмин сохтани иҷрои самарабахш ва саривақтии супоришҳое, ки дар қарори мазкур муайян карда шудаанд, ҳамчунин дар ҳар семоҳа ба Девони Вазирон пешниҳод кардани маълумот дар бораи натиҷаи корҳои татбиқшуда.

8. Ба Вазорати технологияҳои рақамӣ супурда шавад, ки коркарди қарорҳои саривақтии баҳодиҳӣ ба натиҷаҳои низоми иттилоотӣ, ки дар доираи Лоиҳа ҷорӣ карда мешаванд, ҳамчунин татбиқсозии равандҳои тиҷоратиро таъмин намояд.

9. Ба Палатаи ҳисоб супурда шавад, ки назорати доимиро барои истифодаи самарабахши маблағҳое, ки дар доираи Лоиҳа ҷалб ва ҷудо карда мешаванд, ҳамчунин натиҷаи нишондиҳандаҳоеро, ки дар асоси техникиву иқтисодии Лоиҳа пешбинӣ шудаанд, муқаррар кунад.

10. Масъулияти шахсӣ барои самарабахш ба роҳ мондани иҷрои қарори мазкур ба зиммаи вазири нигаҳдории тандурустӣ А. Ш. Иноятов ва вазири технологияҳои рақамӣ Ш. Х. Шерматов гузошта шавад.

Назорати иҷрои қарори мазкур ва ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳое, ки барои иҷрои он масъул мебошанд, ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А. Н. Арипов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*1 майи соли 2023.*

# ҲЕЧ КАС БЕ ҚАРОРИ СУД ВА ХИЛОФИ ҚОНУН АЗ МАНЗИЛ МАҲРУМ КАРДА НАМЕШАВАД

***Инсон, ҳаёт, озодӣ, шаъну шараф, қадру қимат ва дигар ҳуқуқҳои дахлнопазири ӯ арзиши олӣ ба ҳисоб меравад. Ислоҳоти васеъмиқёсе, ки солҳои охир дар кишварамон татбиқ мегарданд, дар баробари тамоми соҳаҳо соҳаи ҳуқуқи инсонро низ фаро гирифт.***

Чунки мақсади асосии ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар кишварамон ба амал бароварда мешаванд, аз фароҳам овардани шароити зиндагии фаровон ва мусоид ба ҳамватанонамон иборат аст. Конститутсияи мо, ки гарави ҳуқуқҳои инсон мебошад, барои ин таҳкурсии мустаҳкам ба ҳисоб меравад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар моддаи 1-уми Конститутсия дар таҳрири нав Ӯзбекистон ҳамчун давлати иҷтимоӣ муайян шуда, меъёрҳо оид ба ӯҳдадориҳои иҷтимоии давлат се баробар афзудааст.

Масалан, ҳуқуқи ҳар кас барои соҳиби манзил шудан муайян шудааст. Татбиқи ин меъёр кафолат медиҳад, ки ҳар як шаҳрванд, аз ҷумла, оилаҳои ҷавон соҳиби сарпаноҳи худ гардад, сатҳи қаноатмандии мардум аз зиндагӣ боло равад.

Агар ба ин рақамҳо эътибор диҳем, дар солҳои охир барои аҳолии мамлакати мо 326 ҳазор манзилҳои нави истиқоматӣ ба истифода дода шуданд. Дар ин давра дараҷаи таъминоти манзил ба ҳар сар аҳолӣ 18 фоиз афзуд. Дар тӯли се соли охир бошад, ба 211 ҳазор оила 33 триллион сӯмина қарзи ипотекӣ ҷудо карда, барои 73 ҳазор оила барои бадали ибтидоӣ ва пардохтҳои фоиз 1,3 триллион сӯм субсид дода шуд.

Хурсандиовар аст, ки соли гузашта дар мамлакати мо барои 50 ҳазор оила бобати соҳиби манзилҳои нав шудан шароит фароҳам оварда шуда бошад, имсол мақсад карда шудааст, ки 90 ҳазор оила бо манзил таъмин карда шавад. Дар ду-се соли наздик ният доранд, ки ин рақам ба 200 ҳазор расонда шавад.

Дар Конститутсияи навтаъсиси мо он чиз аҳамияти муҳим дорад, ки ҳеч кас бидуни қарори суд ва хилофи қонун аз хонаву ҷой маҳрум карда намешавад, ба мулкдори аз хонаву ҷой маҳрумкардашуда таъмини арзиши хонаву ҷой, инчунин зарар дар ҳолат ва талабҳои дар қонун пешбинишуда пешакӣ, ба қимати баробар кафолат дода мешавад.

Зеро, ин меъёр дар робита ба масъалаи дардноки «снос» («тахриб»), ки ба яке аз мушкилоти тезутунди ҷомеаи мо табдил ёфтааст, қарори оқилонаи халқпарвар ва ҳифзи манфиати мардум ва соҳибони молу мулк хоҳад шуд. Аз ҳама муҳимаш, таҳкими ҳуқуқи шаҳрвандони мо ба манзил дар сатҳи Конститутсия кафолатҳои дахлнопазирии манзилро мустаҳкам мекунад. Ин низ боиси мустаҳкам шудани боварии халқи мо ба давлат мегардад.

Мувофиқи маълумот дар ҳоли ҳозир дар ҷаҳон беш аз 1,8 миллиард нафар дар манзилҳое зиндагӣ мекунанд, ки барои зиндагии муқаррарӣ шароити кофӣ надоранд. Зиёда аз 150 миллион нафар аҳолӣ манзили доимӣ надоранд.

Итминони комил дорам, ки меъёрҳои конститутсионии дар боло зикршуда барои аз ҷониби давлат ҳавасманд гардондани сохтмони манзил ва бо манзил таъмин намудани табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ эҳтиёҷманд, фароҳам овардани шароити зарурӣ барои татбиқи ҳуқуқи одилона барои манзил заминаи ҳуқуқӣ фароҳам хоҳад овард.

**Носирҷон АМИНОВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис,**
**узви кумитаи масъалаҳои саноат, сохтмон ва савдо.**

*Бизнес-форум*

# ӮЗБЕКИСТОН ВА ОЛМОН БАРОИ РИВОҶ ДОДАНИ ҲАМКОРИИ ДУҶОНИБА ОМОДА МЕБОШАНД

***2 май дар шаҳри Берлин дар арафаи ташрифи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Федеративии Олмон бизнес-форум баргузор гардид.***

Дар он роҳбарони беш аз 250 ширкати бузург, холдинг, корхонаи саноатӣ, бонк, вазорат, идора ва иттиҳодияҳои саноатии ду мамлакат иштирок намуданд.

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҷамшед Хӯҷаев алоҳида таъкид намуд, ки солҳои охир муносибати дуҷонибаи байни Ӯзбекистон ва Олмон фаъолона ривоҷ меёбад, ки ба ин ба туфайли эътимод ва иродаи сиёсии роҳбарони ду давлат ноил мегарданд.

Дар панҷ соли охир табодули амвол дар байни ду мамлакат ду баробар афзуд. Бинобар натиҷаи соли 2022, нишондодҳои савдои дуҷониба боз 50 фоиз афзуда, бори аввал аз 1 миллиард евро зиёд гардид.

Дар ҳамкории сармоявӣ ва саноатӣ низ пешрафти муттасил ба назар мерасад. Дар Ӯзбекистон миқдори корхонаҳое, ки бо иштироки сармояи Олмон ташкил гаштаанд дар байни якчанд сол қариб се баробар афзуда, аз 200-то зиёд шуд. Аз соли 2017 миқдори умумии сармояи азхуднамудаи Олмон 11 баробар афзуда, ҳоло беш аз 4 миллиард евроро ташкил менамояд.

Ширкатҳои маъруфи Олмон, мисли MAN, CLAAS, Knauf, GP Papenburg, Viessmann, Deutsche Kabel, LEMKEN дар Ӯзбекистон муваффақона ва фаъолона тиҷорат намуда, иқтидорҳои нави истеҳсолиро ба кор меандозанд.

Эътибори доираҳои корчаллони Олмон ба шароити муносибе, ки дар мамлакатамон барои сармоягузорони хориҷӣ фароҳам оварда шудааст, ҷанбаҳои пуриқтидори иқтисодиёти Ӯзбекистон нигаронда шуд. Салоҳияти кадрҳо, ҷойгоҳи стратегии ҷуғрофӣ, тартиби савдои озод бо давлатҳои ИДМ, мақоми бенефисиарии GSP+, фаъолона корбарӣ оид ба узвият ба Ташкилоти савдои ҷаҳон, захираҳои ғании ашёи хом, инчунин омодагии дастгирии бевоситаи лоиҳаҳои муштарак ва ташаббусҳо аз ҷониби роҳбарияти мамлакат ва ҳукумати он аз ҷумлаи инҳо мебошад.

Соҳаҳои энергетика, кимиё, саноати озуқаворӣ ва бофандагӣ, металлургия, автомобилсозӣ, хоҷагии қишлоқ, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, электротехника, инчунин дорусозӣ ва тандурустӣ дар бобати ҳамкории дарозмуддат ба сифати самтҳои истиқболнок пешниҳод гардиданд.

Намояндагони тиҷорати Олмон самараи ислоҳоти иқтисодии ҷории Ӯзбекистон, аз ҷумла шароити муносиби фароҳамоварда барои сармоягузорони хориҷӣ дар мамлакатамонро олӣ арзёбӣ намуданд. Онҳо иброз намуданд, ки дар бобати афзудани ҳамкорӣ, таҳияи лоиҳаҳои нави муштарак нияти қатъӣ доранд.

Бизнес-форуми Ӯзбекистон ва Олмон бо музокироти «G2B» байни вазорат, идораҳо, роҳбарони ширкатҳои пешқадам ва муаррифиҳои лоиҳаҳои дақиқ дар қисмати соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Ӯзбекистон идома намуд.

Дар поёни бизнес-форум дар бобати ба амал татбиқ намудани лоиҳаҳои муштарак дар соҳаҳои гуногун аҳду паймон ба амал омад.

**ӮзА.**

***Дар маҷаллаи бонуфузи британиёӣ «Capital Finance International» мақолае таҳти унвони «Осиёи Марказӣ бо тамоми ҳусну ҷамол, асрор ва таърихаш ошкор мегардад» чоп шудааст.***

# ҲУСНУ ҶАМОЛ, АСРОР ВА ТАЪРИХИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР МАДДИ ЭЪТИБОРИ РАСОНАҲОИ АХБОРИ ОММАВИИ БРИТОНИЯИ КАБИР

Мақола ба қалами узви Палатаи лордҳои парлумони Британияи Кабир Ҷон Вейверли тааллуқ дорад.

Дар қисмати алоҳидаи мақола доир ба махсусиятҳои Ӯзбекистон, рушди он ва ба давлати ҳозиразамони демократӣ табдил ёфтани он нақл карда мешавад. Ба барномаҳои васеъмиқёси сиёсӣ, иқтисодӣ ва навсозии иҷтимоии кишвари мо баҳои мусбат дода, ҷараёни ислоҳоти конститутсионӣ ва сиёсати пурмуҳтавои хориҷӣ қайд шудааст.

«Ӯзбекистон ҷиҳати сиёсати хориҷии худро ба дараҷаи назаррас тағйир дод. Кишвари замоне пӯшида ба мамлакати ошкоро, фаъол ва масъули вазъи минтақавӣ табдил ёфт. Ба сохтори муносибатҳои мустаҳкам бо ҳамсояҳои наздиктарин ва таҳкими рушди дарозмуҳлат, шукуфоиву эътидоли минтақа эътибор дода шуд», – менависад муаллиф.

Сипас, лорд таъкид мекунад, ки Президент Шавкат Мирзиёев мулоқоти мунтазами сиёсиро ба роҳ монд, ки натиҷаи он хеле беҳтар шудани муҳити сиёсӣ дар минтақа мебошад. Нобоварӣ, шубҳа, зиддият ва бадбинии пӯшида ба иродаи нек, эътимод ва ҳамкорӣ иваз шуданд. Масъалаҳои мураккаби минтақавии марзбандӣ ва тақсимоти марзии сарҳадҳои давлатӣ, истифодаи об ва нақлиёт ҳаллу фасл карда шуданд.

«Ин ҷараён аз ҷониби СММ дастгирӣ пайдо кард. Соли 2018 баённомаи Ассамблеяи генералӣ оид ба таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ дар Осиёи Марказӣ қабул гардид. Ҳамкориҳо барқарор мешаванд, режими раводид озодтар мегардад, нуқтаҳои нави гузаргоҳ аз тариқи сарҳадҳо кушода мешаванд, робитаҳои фарҳангӣ ва инсонпарварӣ ба эътидол меоянд», – таъкид мегардад дар мақола.

**АИ «Дунё»,**

*шаҳри ЛОНДОН.*

# КОРХОНАИ «THE GREAT ELOGUENT» ДАР ВОБКАНД

***Мувофиқи қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 21 сентябри соли 2019 «Дар бораи чораю тадбирҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии комплексии вилояти Бухоро дар солҳои 2021-2023» дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Халач»-и ноҳияи Вобканд муассисаи давлатии «Минтақаи хурди саноатӣ» созмон ёфтааст.***



Ҳоло дар ин ҷо қариб даҳто субъектҳои соҳибкорӣ барои рӯёоб баровардани орзую умедҳои худ ва бо роҳи соҳибкорӣ мустаҳкам намудани имкониятҳои иқтисодии ҳудуд азму кӯшиш доранд. Корхонаи оилавии «The Great Eloguent» яке аз онҳост. Соҳибкор Лазиз Бахшуллоев (роҳбари корхонаи оилавӣ) барои амалӣ гардондани лоиҳа, ки қиматаш 1 миллиону 100 ҳазор доллари ИМА аст, ду сол муқаддам аз «Минтақаи хурди саноатӣ» бо қарори ҳокими ноҳия 30 сотих замин гирифта, дар 11 сотихи он корҳои сохтмонро ба анҷом расонда, дар ду сех ва анбор технологияи аз Хитой овардашударо ҷобаҷо намуд. Ҳоло ин ҷо барои қадоқкунии маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайриозуқаворӣ истеҳсоли зарфҳои елимӣ, ки намуди ғилофак (капсула)-и пекпрофернаро дорад, ба роҳ монда шудааст.

5 миллиард сӯми қимати умумии лоиҳаро кредити бонки тиҷоратӣ ташкил менамояд. Имрӯз бо шарофати корхонаи хурд ҳашт нафар ҷавонони маҳаллӣ бо кор таъмин шуда, онҳо ҳар моҳ 1,5-3 миллион сӯмӣ маош мегиранд. Бо ёрии ин ҷавонон рӯзе то 2 тонна ғелак (гранула) ба тасмаи азнавкоркунӣ партофташуда, аз онҳо то 20 ҳазор дона зарфҳои пластмассагии аз 500 граммӣ то 20 литрӣ тайёр карда мешавад. Харидорони маҳсулот асосан корхонаҳои истеҳсоли равған ва оби ошомиданӣ мебошанд.

Нархи зарфҳо вобаста ба ҳаҷми онҳо гуногунанд. Зарфҳои 5 литрӣ 2 ҳазору 300 сӯм бошанд, 10 литрӣ 3 ҳазору 700 сӯмро ташкил мекунанд. Албатта, барои истеҳсоли маҳсулоти босифат таъминоти ашёи хом нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, ҷамоаи корхонаи оилавӣ ғелакҳои пластмассагиро аз ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Шӯртангазкимиё»-и вилояти Қашқадарё мегиранд.

Тадбиркорон дар марҳилаи навбатӣ бо назардошти талаби бозор аз профилпластикӣ тайёр кардани дару тирезаро низ ба роҳ мондан мехоҳанд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

Андешаҳо

# ИСЛОҲОТ БА МО ЧӢ МЕДИҲАД?

***Сиёсати хирадмандонаи раҳбарияти Ӯзбекистон дар ин авохир аз он далолат медиҳад, ки кишвари мо барои ноил гардидан ба як давлати аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта далерона гом мебардорад.***

Мутахассисони ватанӣ дуруст дарк кардаанд, ки қуфлкушои ҷумла мушкилоти чӣ дохилӣ ва чӣ хориҷии кишвар маҳз иқтисодиёти пешгом ва буҷаи ғанӣ доштани давлат мебошад. Иқтисодиёти заиф ҳар гуна мушкилоти ҷомеаро жарфтар мебарад ва табиист, ки фарҷоми он таназзул аст. Аммо бояд таъкид кард, ки сарватманд гардидани давлатро танҳо он вақт метавон мушоҳида намуд, ки мардуми қаламрав аз фақру нодорӣ халос шаванд ва дар домани як ҳукумати мардумсолор ҳаёт ба сар бурда, зиндагии шоистаеро ба роҳ монанд. Қабул гардидани барномаҳои мухталифи коҳиши фақр дар ҷумҳурӣ далел бар он аст, ки ҳукумати кишвари мо ба таври ҷиддӣ дар роҳи ҳалли мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ камар бастааст. Дар қатори давлати демокративу ҳуқуқбунёд аз ин баъд кишвари иҷтимоӣ будани Ӯзбекистон дар Сарқонуни Нав махсус дарҷ гардидааст, ки маҳз ба дурнамои кори ҳукумат дар ин самт ишораи сареҳ мекунад ва бо дили пур метавон гуфт, ки беҳбуд бахшидани вазъи зиндагӣ, бартараф кардани муаммои ҷойдоштаи иҷтимоӣ дар оянда аз вазоифи аввалиндараҷа қарор хоҳанд гирифт. Интизор меравад, то охири соли 2026 сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ ду баробар поин оварда шавад. Тарҳҳои нав ба нав сармоягузорӣ мешаванд ва ҳукумат дар амал татбиқ сохтани онро оқилона раҳбарӣ мекунад. Аммо бояд тазаккур дод, ки ҳаёти фаровону намунавӣ танҳо ба серии шикаму пӯшиданиҳои рангобаранг маҳдуд нашуда, балки ба ғановати маънавияту маърифат ҳам бастагӣ дорад. Тарғиби маънавияти воло ва тарбияи аз ҳар ҷиҳат шоистаи ҷавонон низ аз назари ҳукумат дур намондааст. Ин аст, ки Президент дар Муроҷиатномаи худ ба мардуми кишвар ва намояндагони мардумӣ дар Олий Маҷлис (охири моҳи декабри соли 2022) ба таври мушаххас ин мавзӯъро баррасӣ намуда, ҳадафҳои ҳукумати ҷумҳуриро дар ин самт возеҳ баён сохта буд. Вай аз вазъи ҷаҳони зуд тағйирёбанда, ғайричашмдошт боло рафтани кайфияти экстремистӣ дар кишварҳои ҳамҷавор, тарғиб гардидани ғояҳои мутлақ ба хостаҳои дини ислом зид, ноогоҳона ба гурӯҳҳои мамнӯъ пайвастани бархе аз намояндагони қишри ҷомеа, хоса ҷавонони ҳанӯз дар кӯраи оташи ҳаёт ногудохта сухан ба миён оварда, ҳар фарди солимақли Ватанро огоҳ намуда буд, ки дар қиболи чунин зуҳуроти номақбул садди чинӣ гарданд ва муборизаи оштинопазир баранд. Хоса, раҳбари давлат аз он изҳори нигаронӣ карда буд, ки ҷавонон қишри осебпазири ҷомеа ба шумор меравад ва дар ҳоли андаке бепарвоиҳо мафкураи ҳанӯз дар ҳоли ташаккули онҳо метавонад бо ғояҳои мутлақ ба ормонҳои ҷомеаи демократӣ зид махлут гардад. Бесабаб нест, ки Президент дар суханрониҳояш ҷавононро ҳамеша такягоҳи босуботи давлат мехонад ва аз муассисаҳои дахлдор даъват мекунад, ки барои рушди ҳамаҷониба, солим ва бехалал мондани маънавияти онҳо, маърифати ҷавобгӯи меъёрҳои ҷомеаи ҳуқуқбунёди эшон шароити мусоиде фароҳам созанд. Қобили зикр аст, ки ҷавононро ба омӯзиши илмҳои замонавӣ равона кардан ва дар ин роҳ кушодани мактабу масканҳои илмомӯзии замонавӣ ҳамеша дар мадди назари ҳукумат қарор дорад. Ислоҳоти соҳаи таълим маҳз бар он нигаронида шудааст, ки пеш аз ҳама мақоми омӯзгор дар ҷомеа баланд бардошта шавад ва илму маърифат чун қутбнамои ҷомеа қарор гирад. Президент суханҳои ватандӯстонаи алломаҳои гузаштаро чун далел оварда, роҳи наҷоти ҷомеаро аз ҳар гуна бунбаст дар таълими зӯру босифат ва тарбияи волои фарзандон дониста, мақсади ислоҳоти соҳаи таълимро низ дар ҳамин амалҳо донистааст.

Ҳама шоҳиди он ҳастем, ки бо ташаббуси Президент ислоҳоти густардае дар тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳими ҷомеа рӯйи кор омадаанд ва кунун дар саросари кишвар бо қатъияти том ҷорӣ мегарданд. Хоса, дар бахши иқтисодиёт ислоҳоти куллӣ роҳандозӣ шуда, мурод аз он коҳиш додани воридоти маҳсулот ва ба кишвари содиркунандаи молу коло мубаддал сохтани Ӯзбекистони Нав мебошад. Кишваре, ки ба ҷуз аз таъмини бозори дохилии худ маҳсулоти мавриди ниёзи мардумро ба хориҷа низ содир мекунад, зина ба зина сарватманд мегардад ва ин сарват ба зиндагии фаровон ва шоистаи аҳолии муқими он мусоидат хоҳад кард. Дар чунин ҳол мавқеи давлат ҳам дар ҷаҳон мустаҳкам ва дар ҳалли ҳар гуна мушкилот қудратманд мешавад. Бо боварии қатъӣ метавон гуфт, ки ба ин тартиб боло бурдани нуфузи Ӯзбекистон дар минтақа низ яке аз барномаҳои стратегии ҳукумати кунунӣ маҳсуб меёбад.

Пешравии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки бахшҳои иҷтимоии ҷомеа ба таври бояду шояд сармоягузорӣ шаванд ва рушд кунанд. Аммо ислоҳоти иқтисодиро бидуни бозсозии куллии соҳаи таълим наметавон тасаввур кард. Иқтисод ва илм (маънавият) ду боли мустаҳками ҷомеа аст, ки агар баробар кор кунанд, парвози баланд муяссар хоҳад шуд. Аз ин хотир ҳукумат ислоҳотро дар соҳаи таълими халқ низ ҳатмӣ шумурда, хусусан, баланд бурдани сифати таълимро дар макотиби миёнаву олӣ як ҷузъи муҳими барномаи кории худ медонад. Президент дар яке аз маърӯзаҳояш барҳақ таъкид карда буд: «Ӯзбекистони Нав аз остонаи мактаб ва сохтори таълиму тарбият оғоз мегардад.»Аммо бояд тазаккур дод, ки ҳама гуна муваффақияти ислоҳоти роҳандозишуда ба тағйиру иловаҳои Сарқонун сахт вобаста буданд, ки кунун мардуми шарифи ҷумҳурӣ ба ҷонибдории он овоз доданд. Онҳо хуб дарк карданд, ки Конститутсияи нав дар таҳрири нав ба рӯҳи замона созгор гашта, ҳама гуна монеаҳои пешомадаро бартараф ва роҳро барои иҷрои мақсадҳои наҷиб ҳамвор сохтааст. Ҳамин ислоҳоти иқтисодӣ ҳам ниёз ба тағйиру иловаҳо ба Конститутсия дошт. Кунун ҳуқуқи сармоягузорони хориҷӣ низ дар Сарқонуни нав возеҳ нишон дода шудааст ва ин гарави он аст, ки тарсу ҳарос дар робита ба маҳрум мондани сармоядорон аз маблағи воридотии худ бартараф гардиданд. Кунун дар Ӯзбекистон ҳуқуқи сармоягузорони хориҷиро Конститутсия ҳимоя мекунад ва ҳукумат ҳам хушбин аст, ки онҳо дар қаламрави мо аз имтиёзҳои қонунӣ бархурдор бошанд. Аз ин баъд тамоми қонунҳо дар асоси банду моддаҳои таҳрир ё илова шудани Конститутсияи нав бознигарӣ хоҳанд шуд ва ҳама гуна саддҳо дар робита ба пешбурди муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ бартараф хоҳанд гашт. Умедворем, ки минбаъд кишвари мо ба сӯи як ҷомеаи мардумсолор, ки қадри инсон назар ба мозӣ волою боло шуморида мешавад, бебокона қадам мебардорад.

Таҷрибаҳои таҳаввули ҳаёти инсоният нишон додааст, ки давлатҳои ҷаҳон ҳам чун ҷамъияти инсонҳо мебошанд ва нуфузи онҳоро иқтисодиёти пешрафта ва сарвати ғаниашон муайян мекунад. Сурату сирати умумии ҷаҳони мураккаб, ки Ӯзбекистон ҳам шомили ин ҷамъияти қариб 200 давлати рӯйи дунё мебошад, маҳз дар оинаи иқтисоди онҳо мунъакис гаштааст. Дар байни ин қадар давлатҳо ҷойи пой пайдо кардан ва ба овози худ соҳиб будан ба ҳар кишвар мояи тафохур ва шараф аст. Ҷумҳурии мо ҳам дар ин авохир талош меварзад, ки ҳамқадами кишварҳои пешрафта гардад ва дар арсаи байналмилалӣ соҳиби обрӯи худ шавад. Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳам умедвор аст, ки ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоии кунун рӯйи даст доштааш бо чунин финали хеле хушоянд ба анҷом мерасад ва ҷомеаи моро ба шукуфоии ниҳоӣ мерасонад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**рӯзноманигор.**

***Дар доираи сафари расмии Президенти Ӯзбекистон ба Франсия 21-22-юми ноябри соли 2022 чандин шартномаҳои ҳамкорӣ бо ширкатҳои ин кишвар имзо гардида буданд.***

# ҲАМКОРИҲО БО ФРАНСИЯ ВУСЪАТ МЕЁБАНД

Шартномаи Стратегии ҳамкории сетарафа байни кумитаи ресурсҳои минералӣ ва геологияи давлатии Ӯзбекистон, корхонаи давлатии «Навоиуран» ва ширкати «Orano mining» оиди кофта гирифтан ва коркарди уран имзо гардида буд. Дар асоси шартнома коркарди генератсияи лоиҳаҳои нави ҳамкорӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамчунин, ҷустуҷӯҳои геологӣ дар объектҳои нави «Актау» ва «Кинир» пешбинӣ шуда буд. Ба мақсади амалисозии лоиҳа ва густариши минбаъдаи он гурӯҳи мутахассисон аз ширкати «Orano mining» ба корхонаи давлатии «Навоиуран» ташриф оварданд.

Ҳайати делегатсия ба объектҳои майдонҳои номбурда омада, бо инфрасохтор, маълумотҳои мавҷуда ва фаъолияти кории онҳо аз наздик шинос шуданд. Натиҷаи омӯзишҳо ба ширкати «Orano mining» пешкаш мегарданд ва бешубҳа, ҳамкориҳои минбаъда вусъат меёбанд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# ҚӮҚАНДИ ЛАТИФ — МИЗБОНИ МАРАФОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

***Бо ибтикории Вазорати фарҳанг ва туризм, Вазорати мактабҳои олӣ ва инноватсияҳои ҷумҳурӣ, ҳокимияти вилояти Фарғона таҳти унвони «Golden Valley Marathon» баргузор гардид. Дар он сокинони шаҳру ноҳияҳои Қӯқанд, Фарғона, Андиҷон ва Намангон, инчунин як гурӯҳ ҷавонон ширкат карданд, ки аз кишварҳои гуногун омада, дар муассисаҳои таҳсилоти олии шаҳрҳои водии Фарғона машғули таҳсил мебошанд.***

Ҳокими шаҳри Қӯқанд Маъруфҷон Усмонов ҷамъи иштирокчиёни чорабиниро самимона хайрамақдам гуфт.

Аз майдони назди «Ӯрдаи Худоёрхон» ба иштирокчиёни марафон старт дода шуд. Онҳо масофаҳои ду ва панҷ километрро дар атрофи чунин ҷойи таърихии Қӯқанд тай карданд. Ҳар як ғолиби ҷойҳои ифтихории ин марафонро ҳайкалчаи махсуси Golden Valley Marathon, кубок, диплом ва мукофотҳои пулӣ интизор буд.

Дере нагузашта аввалин ғолибони мусобиқаи давидан ба масофаи ду километр ба финиш омада расиданд. Баъд ба онҳо ғолибони давидан ба масофаи панҷ километри ин мусобиқа пайвастанд. Дар маросими тантанавӣ ҳар як ғолиби ин марафон сазовори мукофотҳо гардиданд. Мукофотҳоро сардори Садорати гвардияи миллии вилояти Фарғона, полковник Шавкат Акбаров ва муовини ҳокими вилоят дар умури фарҳанг ва туризм Хуршед Аҳмедов супурданд. Дар маросим аз рӯйи мусобиқаҳои давидан ба масофаи ду ва панҷ километр ба ғолибони командаҳои вилоятҳо низ тӯҳфаҳои хотиравӣ супурда шуд. Ҷойи якум насиби вилояти Намангон, ҷойи дуюм — Андиҷон ва ҷойи сеюмро вилояти Фарғона ба даст овард.

– Ман вақтҳои фориғ аз таҳсилро ба давидан ва машғулиятҳои дигари варзишӣ сарф мекунам. Аз иштироки худ дар ин марафони байналмилалӣ хеле хурсанд ҳастам. Сазовор шуданам ба яке аз ҷойҳои ифтихорӣ ин хурсандиамро ба чанд карат афзуд, – мегӯяд Анӣ Баҳори непалӣ, ки дар байни духтарон барои давидан ба масофаи ду километр ҷойи дуюмро соҳиб шудааст.

Ногуфта намонад, ки шаҳри Қӯқанд ба ҳайси «Шаҳри ҳунармандони ҷаҳон» эътироф шудааст. Он бори нахуст бо баргузории як фестивали бонуфуз ҳунармандони зиёда аз ҳафтод кишвари дунёро ба канор пазируфтааст. Ин шаҳр дар гузашта пойтахти яке аз хонигариҳои калонтарин дар Осиёи Миёна маҳсуб ёфта, дар солҳои касби истиқлоли мамлакат куллан бозсозӣ гардидааст.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Шаҳри ҚӮҚАНД.*

# САФИ СОҲИБИСТЕЪДОДҲОИ ҶАВОН ЗИЁД МЕГАРДАД

**Мактаби эҷодии ба номи Муҳаммад Юсуфи шаҳри Андиҷон ба маскани ҳақиқии соҳибистеъдодҳо табдил ёфт.**








*Дар мактаб на фақат ба сифат ва самаранокии таълим, дониш ва саводи хонандагон, балки ба зиёд кардани салоҳияти кадрҳои педагогӣ, афзудани таҷриба ва маҳорати онҳо ҳам эътибори махсус дода мешавад. Дар ин бобат мактаби мазкур бо Донишгоҳи давлатии Андиҷон ва Донишкадаи педагогӣ ҳамкории қарин дорад. Ҳоли ҳозир дар мактаби эҷодӣ беш аз 20 хонаи фаннӣ, ошхона, хобгоҳ, толори варзиш, майдончаҳои футбол, волейбол, баскетбол ба ихтиёри толибилмон гузошта шудаанд. Зиёда аз ин аксар синфхонаҳо бо компутер, видеопроектор ва дигар техникаи замонавӣ муҷаҳҳаз мебошанд.*

*Ҷамоаи мактаби эҷодӣ бо мактабҳои эҷодии ба номи Эркин Воҳидови Фарғона, ба номи Исҳоқхон Ибрати Намангон ва дигар мактабҳои эҷодӣ, ҳамчунин шуъбаи вилоятии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон ҳамкории қаринро ба роҳ мондааст. Дар мактаб бо шоир, нависанда, журналист ва олимон мунтазам вохӯрӣ, мулоқот, чорабиниҳои гуногуни адабӣ гузаронда мешаванд.*

*Алҳол дар 38 маҳфили мактаб машғулиятҳои варзишӣ, фаннӣ, эҷодӣ ва ғайра ба роҳ монда шудаанд. Дар маҳфилҳои эҷодии он, ба хусус машғулиятҳои «Пайравони Бобур», «Пайравони Муҳаммад Юсуф», «Сухангӯйи ҷавон», «Дӯстдорони шеърият» ва ғайра нафақат хонандагони мактаби мазкур, балки бисёр ҷавонони соҳибистеъдоди вилоят низ иштирок менамоянд. Дар натиҷаи фароҳам овардани имкониятҳои васеъ дар ин мактаби эҷодӣ сафи толибилмони боиқтидор меафзояд, соҳат ва миқдори комёбиҳои ба дастомада низ зиёд мегардад.*

***Дар суратҳо:*** *дар мактаби эҷодии ба номи Муҳаммад Юсуфи шаҳри Андиҷон.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

# ЯК НОН ФАЙЗИ ДАСТУРХОН НАМЕШАВАД...

*То тавонӣ дӯстонро гум макун,*
*Дӯстони меҳрубонро гум макун...*

Ҳақ бар ҷониби шоир аст. Дӯст воқеъан беҳтарин ва наздиктарин кас аст. Дӯст он аст, ки ҳамчун оина айбатро рӯ ба рӯ гуфта, ҳамеша мекӯшад маслиҳатгари қарин бошад.

*Дӯст он бошад, ки айби ёрашро*
*Ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯяд.*
*На ин ки чун шона ба сад забон,*
*Аз қафо рафта, мӯ ба мӯ гӯяд.*

Ҳамин дӯстист, ки инсонҳо дар ҳаёт хотирҷамъ ва хонаободанд. Дӯстонанд, ки беморон дардро, ғамдорон ғамро ва хушбахтон дилхуширо бо ҳам дида аз дардҳову хушбахтиҳои ҳамдигар огоҳ мегарданд. Кас наметавонад камбудиву афзалияти хешро хубу бомаврид эҳсос кунад. Инсон дар кору фаъолияти худ ба касе, ба тарбияе ниёз дорад, хоссатан ба дӯст. Зеро як дон хирман намегардад, як нон файзи дастурхон намешавад, мурғчае бе ҷамоли офтобу боди субҳ намешукуфад. Инсон низ бе дӯсти наздик мисоли моҳиест, ки аз об бурун афтодааст.

*То абад бо дӯстон осудагист,*
*Марг ҳам бе дӯстон осон нашуд,*
– гуфтаанд.

Дар урфият мегӯянд: Дӯстон се навъанд: забониву нониву ҷонӣ.

Дӯстони ҷонӣ – онҳое ҳастанд, ки дар ҳама маврид шарики ғаму шодистанд:

*Дӯст машмор он,*
*ки дар неъмат занад,*
*Лофи ёриву бародархондагӣ.*
*Дӯст он бошад, ки гирад*
*дасти дӯст,*
*Дар парешонҳолию*
*дармондагӣ.*

Накле ҳаст: «Дар зиндагӣ бародар хуб аст ё дӯст? Бародар, агар дӯст бошад!», гуфта мешавад дар он.

Ҳатто дар оилае, ки дӯстиву рафоқат вуҷуд надорад, ягонагиву якдигарфаҳмӣ буда наметавонад, бинобар ҳамин фарзандон низ, бояд тифоқу дӯсти якдигар бошанд.

Мардуми тоҷик мардуми меҳмоннавозу дӯстпарваранд ва дӯстонро бо тамоми вуҷуд, ҷону дили худ дӯст медоранду мепарваранд. Ҳақиқат аст, ки саодату камолоти ҳар миллату давлат ва бахту иқболи онҳо аз робитаи дӯстӣ пойдор мегардад. Дӯсти ҳақиқӣ ҳамеша мекӯшад, ки ба шодии дӯсти худ шодӣ зам намояд, хотири болидаашро болидатар гардонад.

*Ҳамон дӯстӣ бо касе кун*
*баланд,*
*Ки бошад ба сахтӣ туро*
*ёрманд.*

Пас, биёед, ҳамватанону пайвандони дилу дида, пайи афзудани дӯстони ҷонӣ, ки ҳар каломашон равшангари имону ҷонамон бошанд, саъй созем. Ба таъбири Ҳофизи ширинсухан:

*Дарахти дӯстӣ биншон,*
*ки коми дил ба бор орад,*
*Ниҳоли душманӣ баркан,*
*ки ранҷи бешумор орад,*
*амал кунем.*

**Дилафрӯз АЛУЛЛОЕВА,**
**омӯзгори мактаби таълими умумиии рақами 9-уми ноҳияи Сариосиё.**

# ВАРЗИШУ СОЛИМГАРДОНИИ ҲАМКОРОН

***Дар чаҳорчӯбаи иҷрои Барномаи «Дар тани солим – ақли солим» бо ташаббуси иттифоқи касабаи рӯзномаи «Овози тоҷик» дар шаҳраки Чорбоғи вилояти Тошканд чорабиниҳои варзишӣ-солимгардонӣ барпо шуд.***

Мусобиқа аз рӯйи намудҳои варзиш — шашка, тенниси рӯйи миз, ҷаҳидан ба дарозӣ ва тӯбзанӣ иборат буд. Мусобиқаи варзишӣ шавқовар ва тезу тунд гузашт.

Дар доираи барнома ҳуқуқшинос Ҳусейн Икромов дар мавзӯи ҳуқуқ ва муҳофизати меҳнат маърӯза кард ва ба саволҳои иштирокдорон ҷавоб дод.

Ба ғолибони мусобиқа ҷоизаҳо супурда шуд.

– Таассуроти мо як олам аст, – гуфт ҳамкорамон Саодат Бекназарова, – мехоҳем чунин сабқати хотирмон зуд-зуд ба амал оянд. Чорабинии варзишӣ-солимгардонӣ ба мо ниҳоят хуш омад. Варзиш дар ҳавои кушод, табиати зебо ба инсон нируи тозаи эҷодӣ, илҳоми нав мебахшад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ТОШКАНД.*

## *Ба пешвози Рўзи хотира ва қадр*

Достон ва овозаи оилаи Шоҳаҳмад Шомаҳмудов, ки дар даврони ҷанги хонумонсўз ва фалокатбори солҳои 1941-1945 фарзандони ятиму бекасро аз минтақаҳои ҷангзадаи мамлакат парасторӣ кардааст, ба ҳамаи мо маълум аст.

Қиссаи «Одами бемарг»-и нависандаи тоҷикистонӣ Теша Раҷаб низ аз хусуси ин оилаи воқеан интернатсионалистӣ нақл мекунад.

Муаллиф, ки солҳои 90-ум як муддат дар Тошканд иқомат карда буд, аз хусуси ин оила ва чӣ гуна бо супориши маъмурияти рўзномаи «Ҳақиқати Ўзбекистон» («Овози тоҷик») замони таҳсил солҳои 60-ум дар Мактаби олии партиявии Тошканд дар хусуси Шоҳаҳмадота ва оилаи калону муттафиқи он очерк навиштан, чӣ гуна писархонди он гардиданаш ва сабабҳои ба зодгоҳ – деҳаи Бурҷимулло барнагаштани Шоҳаҳмади ҳанўз ҷавон қиссаҳои зиёд мекард. Теша Раҷаб боз мегуфт, ки ин қисса дар қолаби очерк он замон дар «Ҳақиқати Ўзбекистон» чоп шуда буд ва баъдан онро васеъ ва муфассалтар намуда, ба пероҳани қисса оро додааст, ки аз он айём ёд намуда, ҳоло мехоҳем порчаеро барои хонандагони гиромии «Овози тоҷик» пешкаш намоем.

**Тоҷибой ИКРОМОВ,**
**муовини сармуҳаррир.**



*Муҷассамаи хонаводаи Шомаҳмудовҳо дар хиёбони Дўстии халқҳои шаҳри Тошканд.*

***Суратгир: Т. ХОВАРӢ.***

*Теша РАҶАБ*

# ОДАМИ БЕМАРГ

***(Ҳиссае аз қиссаи воқеӣ)***

### Дар меҳмонии Шоҳаҳмадота

«...Толеъам баландӣ кард: Шоҳамадотаро дар хонааш дарёфтам. Ў дар рўйи кати чўбине, ки дар зери каппатоки на чандон баланд гузошта шуда буд, дар болои кўрпачаи серпахтае ба болишт такя карда менишаст. Дар гирду пеши кат чорпанҷ нафар кўдакони пасту баланд ва гуногунсурат парвонавор давр мезананд.

Писарчаи зираку чашмкабуде, ки ба назар панҷсола менамуд, аз дасти Шоҳаҳмадота кашолакунон:

– Бобоҷон, ҳакта алобача бухал, – гўён ду пои худро ба як мўза қава карда буд.

– Ҷони бобо, ҳоло мағоза руст... кушода шавад, харида медиҳам, – ваъда медод Шоҳаҳмадота сари ўро силакунон.

Вале чӣ тавре ки: «Ҳукми кўдак аз ҳукми подшоҳ ҳам зўртар аст» мегўянд, он писарбачаи шўх ҳамоно якравӣ мекард. Аммо ба тарафи кат қадам монда омадани маро пайхас карда, ё аз шарм буд, ё Шоҳаҳмадота магар чизе гуфт, ки ў оҳувор давида аз кат фаромаду ба сўйи хона шитофт...

Шоҳаҳмадота маро бо чеҳраи кушод истиқбол гирифта, баъд аз ҳолу аҳволпурсие, ки ба мардуми тоҷику ўзбек хос аст, табассумкунон «Хўш, хизмат!» гуфт. Ман мақсади омадани худро фаҳмондам. Ў баъд аз андаке таваққуф гуфт:

– Мебахшед, писарам... ҳозиракак худи шумо барин як ҷавонмарди навча аз ким-кадом газета аз пешам рафт... Бечора, забони ўзбекиро намедонистааст. Ман бошам, забони русиро. Ҳамин хел писарам... Навъе карда ба саволҳояш ҷавоб додам. Чӣ кор кунам, ин аҳвол аз бесаводиамдия, дар вақташ шароити хондан надоштам.

Шоҳаҳмадота инро гуфту ба тарафи болохонаи хушҳавою зебое, ки ҳоло гулҳои пурнақшу нигори пешайвонаш гўё ба ман табассум карда меистоданд, чашм давонда, бо овози баланд:

– Ҳакима, – гўён чеғ зад.

– Лаббай, дадаҷон, – дар пешайвони болохона духтарчаи 12-13 солаи зардинарўе намоён шуд.

– Ҳамон журналу газетаҳоро аз ҷевон пеши акомуллоят гирифта биёр, духтарам, – фаҳмонд мусоҳиби ман.

– Хуб, ҳозир дадаҷон, – гўён духтарча аз болохона фуруд омада, баъд аз фурсате як даста рўзномаю маҷаллаҳои гуногунро бардошта овард.

– Ана, писарам, ҳаёти оилаи мо дар ҳамин оина барин равшан... Навигариҳояшро худам илова мекунам, – ҳамаи он коғазҳоро ба дасти мо дода истода, гуфт Шоҳаҳмадота.

Ҳарчанд ин таклиф бархилофи раъйи ман буд, лек мўйсафедро ранҷондан нахостам.

Чанд муддат байнамон хомўшӣ ҳукмрон гашт. Оромиро танҳо бақаррос зада ҷўшидани самовор, ки ҳоло дар гўшаи кат меистод, халалдор мекард.

Ман муддате хоҳам-нохоҳам бо варақ задани рўзномаю маҷаллаҳо андармон шудам. Лек ҳар яки онҳо ҳусни таваҷҷўҳи маро ҷалб накард: қариб ҳамаи хабару мақола, лавҳаю очеркҳое, ки дар бораи ҳаёти ин оилаи интернатсионалӣ маълумот медоданд, ба ман шинос буд.

– Ҳа, писарам, чаро ба дафтарчаатон чизе наменависед? Ё қизиқаш нест-мӣ? – пиёлаи чойро ба ман дароз карда, пурсид Шоҳаҳмадота.

– Не, ҳамааш шавқовару лек шинос-дия, падар... Ба мо ягонта «обнарасидагиаш» лозим буд, – нимшўхию нимҷиддӣ ҷавоб додам.

– Эҳ-ҳа... ба шумоён даст диҳанд, оринҷро мекапидед-ку,– бо тамоми овозаш қоҳ-қоҳ зада хандид Шоҳаҳмадота ва баъд аз андаке таҳаммул гуфт:

– Хайр, майлаш... кунҷковиатон ба ман маъқул, писар. Қиссаи чӣ хел ба Маскав рафтанамро ба шумо нақл мекунам.

Шоҳаҳмадота пиёлаи холиро ба рўйи миз гузошта, дар ҷойи нишасташ дурусттар ҷойгир гашту баъд ба сухан даромад.

– Охирҳои соли гузашта буд. Хонавода ҳама ба соли нав тайёрӣ медидем. Пагоҳии барвақт. Аҳли оила дар сари дасторхон гирд омада, таҳтўл мекардем. Ноҳост дарвозаро касе сахт-сахт кўфт. Мана ҳамин духтари кенҷаам – Ҳакима ба пешвозаш баромад. Кӣ гумон мекунед, писарам?

– Ягон дўстатон будагист-дия, – аз саволи ногаҳонӣ андаке гаранг шуда, ҷавоб гардондам.

– О, бале, раҳмат ба падаратон, писар... Бародари масковагиам – Артём Акимович будааст.

Баробари кушодани дарвоза духтарам:

– Ура-а-а-а!... Амаки Артёмам омаданд, – гўён худро ба оғўши ў партофт.

Артём Акимович бо чеҳраи шоду хандон маро ба оғўш кашид:

– Интизор-ку набудӣ, Шоҳ? – гуфта пурсид. Ў маро ба тариқи шўхӣ «Шоҳи ўзбекҳо» гуфта ном мебурд...

– Росташро гўям, ин қадар умед надоштам. Ҳазор бор қуллуқ бародар, – иқрор шудам ман. – О, ақаллан телеграмма надодӣ-а, Артём? – ба гилагузорӣ даромадам ман.

– Адреси хона аниқ бошад, ташвиши зиёдатӣ чӣ даркор, дўстам?

– Анна Афанасевнаро чаро наовардед, ака? – пурсид Баҳрихолаатон.

– Он кас аз шумоён қаҳр кардагӣ: «То худи онҳо наоянд, ман намеравам» гуфта таъин ҳам карданд.

Қисса кўтоҳ, мақсади омадани Артём Акимович ҳам ҳамин будааст. Чолу кампир ночор раҳи Масковро пеш гирифтем...

***

Ба ростӣ, ҳарчанд се сол боз бо ин оилаи мушфиқу меҳрубон хат фиристода, хат мегирифтем ва дар бораи фарзандони онҳо бисёр чизҳоро медонистем, лекин шунидан дигару дидан дигар будааст, писарам.

Дўстони вафодор беҳтар аз хешанд, гуфтаанд бузургони гузашта: Артём Акимович 11 рўз иззати меҳмондориро ба ҷо овард. Бо ҷойҳои таърихӣ ва зебои Масков шиносамон кард. Шиносоӣ махсусан бо оромгоҳи доҳиамон

– Ленини аъзам ба ман хеле гуворо буд.

– Эҳ, кош Илич зинда мебуду ту бо ў ҳамсуҳбат мешудӣ, Шоҳ!... Илич ҳамеша зинда-куя, вале ту, Шоҳ, шахсан ба худи ў дар бораи ҳалли масъалаи миллӣ рапорт медодӣ, Владимир Илич беҳад шод мешуд..., – табассумкунон гуфт Артём Акимович.

– Чаро як Шоҳи ман? Худи шумочӣ, Артём-ака? – гап партофт Баҳрихолаатон.

– Фарзандони мо намояндагони ҳашт миллатанд... Аз шумоён бошад, Баҳрӣ, аз шонздаҳто. Ана, барои ҳамин-да, дугона, – ба гап ҳамроҳ шуд Анна Афанасевна.

– Оре, дўстон! Ҳамаи ин самараи ниҳоли дўстии халқҳои мост. Фарзандони бакамолрасондаи моён бошанд, меваҳои ана ҳамин ниҳоли дўстист..., – ҳамаи гуфтугузорҳои моро гўё ҷамъбаст намуд Артём Акимович.

– Ҳа, писарам, сафари Масков ба ман хотираҳои нек ва лаҳзаҳои ҳаяҷоновар бахшид, – ба нақли шавқангези худ нуқта гузошта гуфт Шоҳаҳмадота.

Ман ба ў аз таҳти дил миннатдорӣ изҳор карда, хайрухуш намудам...

Ин сатрҳоро, ки ман бештар аз чоряк аср муқаддам иншо намуда будаму онҳо дар саҳифаҳои рўзномаи «Ҳақиқати Ўзбекистон» дарҷ гардида буданд, бе ҳеҷ гуна ислоҳ ба диққати хонанда ҳавола мекунам, то ки ў ба шахси воқеӣ будани падархонди ман – Шоҳаҳмадота ва аҳли оилаи бузурги вай боварии куллӣ ҳосил кунад.

### Қиссаи писархондшавиам

Тақдирро бинед, ки баъди тахминан се рўз аз нав бо Шоҳаҳмадота вохўрдам: дар доираи ҳамон ҳафтаи дўстӣ дар мактаби мо низ шабнишинии ҳаяҷоноваре бо иштирокчиён ва меҳмонони олиқадри ҳафта баргузор гардид, ки дар қатори дигарон қаҳрамони очерки ман Шоҳаҳмадотаю ҳамсарашон холаи Баҳрӣ ҳузур дошанд.

Азбаски рўзу соати шабнишинӣ пешакӣ эълон шуда буд, намояндагони ҳар як республикаи Осиёи Миёна ба он ба тарзи худ тайёрӣ медид. Аз ҷумла, тоҷикон ҳам. Дар омади гап бояд гуфт, ки ҳамон сол дар мактаби мазкур аз Тоҷикистон бештар аз 100 нафар шунавандагон таҳсил мекарданд. Ва шўрои «Ҳамшаҳриён»-и тоҷикон дар мактаб нуфуз ва шуҳрат дошт.

Ана ҳамин шўро қарор дод, ки дар он шабнишинӣ ҳамчун намояндаи Тоҷикистон ман ҳам суханронӣ кунам. Аниқтараш меҳмонон ва алалхусус оилаи интернатсионалии Шоҳмаҳмудовҳоро хайрамақдам гўям.

– Чаро президенти шўро худаш баромад намекунад? – ба қарори шўро эътироз баён карданӣ шуда, аз котиби комитети партиявии мактаб, ки маро барои машварат ба кабинеташ даъват карда буд, пурсидам.

Котиб баъди каме андеша ҷавоб дод:

– Аввалаш ин ки Шоҳаҳмадотаро аз дигарон дида, ту хубтар мешиносӣ... (Котиб ҳамон очеркамро, ки дар рўзномаи «Ҳақиқати Ўзбекистон» дарҷ гардида буд, далел овард.) Дуюмаш ин ки ту ятим калон шудаӣ ва талхии ҳаёти сағирахонаро чашидаӣ...

Сеюмаш: гап-гап ҳаст, ки дар шабнишинӣ худи Шароф Рашидов иштирок мекардаанд. Ва инро ҳам ту нағз медонӣ, ки он кас натанҳо ходими намоёни партиявӣ, балки нависандаи шинохта ҳам мебошанд. Акнун мақсад фаҳмо? – котиб бо умед ба рўям назар дўхт.

**(Давом дорад).**

# ҶИЛОИ РАНГҲО ДАР ДЕВОРИ МАДРАСАИ УЛУҒБЕК

***Имрўз вазифаи барпо намудани асосҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию таълимии Эҳёи сеюм, ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев амалӣ мешавад, дар назди тамоми олимону мутахассисон вазифа мегузорад, ки таҷрибаи Эҳёи дуюм омўхта, мероси илмии ниёгонамон амиқан тадқиқ ва таблиғ карда шавад.***

Олим ва арбоби бузурги давлатӣ Мирзо Улуғбек аз шахсиятҳои барҷастаи давраe мебошад, ки дар таърихи Осиёи Марказӣ ва тамаддуни исломӣ мақоми бузург дошт. Мо имрўз онро давраи Эҳёи дуюм меномем.

Ў на танҳо дар бораи донишҳои марбут ба кайҳон, балки инчунин оид ба сохтори Замин ва минтақаҳои байни ҳафт иқлими он, кўҳҳо, биёбонҳо, обанборҳо ва роҳҳои тиҷоратӣ тадқиқот бурда, таърихи онҳоро навишт. Дар китоби «Таърихи арбаъ улус»-и олим дар бораи равандҳои сиёсию иҷтимоӣ, ки дар асрҳои XIII-XV дар водӣ ва биёбонҳои Авруосиё ба амал омадаанд ва фанни географияи мусулмонӣ таҳти унвони «Ҳафт иқлим» машҳур мебошад.

Маълум аст, ки бинобар ба рушди илм таваҷҷўҳи хоса зоҳир намудани Амир Темур ва темуриён дар асрҳои XIV-XV дар Осиёи Миёна давраи Эҳёи дуюм ба вуҷуд омад. Дар ин давра донишмандоне чун Мирзо Улуғбек, Мансури Кошӣ, Мирам Чалабӣ, Абдуалии Бирҷандӣ, Алии Қушчӣ, Ғиёсиддини Ҷамшед, шоирон аз қабили Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Лутфӣ, Қосими Анвор, Заҳириддин Муҳаммад Бобур ва мусаввирон мисли Камолиддин Беҳзод ба камол расиданд. Номи муборaки Улуғбек дар садри ин рўйхат қарор дорад.

Сафири Испания Луис Гонсалес Клавихо нақл кардааст, ки дар соли 1404 вақте Амир Темур ў ва ҳамроҳонашро ба ҳузур пазируфт, дид, ки писари тақрибан даҳсолае дар ҳузури подшоҳ ба корҳое мисли хондани нома ва тарҷумонӣ машғул аст. Ў Мирзо Улуғбек буд, ки аз хурдӣ дар назди бобои бузургвораш қарор дошт ва аз устодони хос таълиму тарбия мегирифт. Ин аст, ки ҳамчун шахси ҷаҳонбиниаш фарох, бомаърифат ва закӣ ташаккул ёфт. Вай доир ба илмҳои ҷамъиятшиносӣ, ба мисли таърих, фалсафа, мантиқ, илоҳиёт, адабиёт ва илмҳои табиатшиносӣ, аз қабили риёзӣ, геометрия, астрономия, ҷуғрофия низ дониши амиқ дошт.

Бояд гуфт, ки яке аз устодони Улуғбек мунаҷҷим Мавлоно Аҳмад буда, аз бузургтарин олимони дарбори Темур ба шумор мерафт ва тавонистааст ҷадвали тақвими дусадсолаи ояндаи сайёраҳоро тартиб диҳад. Худи Улуғбек баъдтар дар асари асосии худ «Зиҷи Кўрагонӣ» фақат Қозизодаи Румиро чун «устод» ном бурдааст. Улуғбек аз давраи аввали ҳаёти илмию сиёсии худ дар зери таъсири ситорашиносон ва риёзидонҳое чун Мавлоно Аҳмад ва Қозизодаи Румӣ ба воя расид, дар бистсолагиаш аз олимони бузурги замони худ шуд. Дар ихтиёри ў имконияте, ки на ҳамеша ба донишмандон дода мешавад, яъне қудрат, ҳукмронии давлати тавонотарину мутамаддини ҷаҳони ислом дар асрҳои миёна бархурдор буд. Олим барои рушди илм аз ин манобеъ ба таври комил истифода кард.

Замони ҳукмронии ў оғози давраи тиллоии Эҳёи дувум дар аҳди темуриён ва тамаддуни исломӣ буд. Дастовардҳои бузурги илмии замони Мирзо Улуғбек дар таърихи фарҳанги исломии асрҳои миёна аҳамияти калон пайдо карданд. Шогирдон ва китобҳои ў то ба Истанбул, маркази нави ҷаҳони исломӣ расиданд ва дар он ҷо, аз ҷумла, дар асоси низоми таълими мадрасаи Улуғбек мадрасаи София таъсис ёфт, ки тўли чандин аср барои рушди мориф ва илми салтанати Усмонӣ хидмат кардааст.

Улуғбек солҳои 1424-1428 дар шимоли Самарқанд, дар Кўҳаки соҳили рўди Оби Раҳмат расадхонае бунёд намуд, ки ўро дар ҷаҳон машҳур сохт.

Ҷадвали ситораҳои «Зиҷи ҷадиди Кўрагонӣ», ки натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва пажўҳишҳои илмии дар расадхона амаликардаи олим ба вуҷуд омадааст, тўли 250-300 сол ҳамчун сарчашмаи беҳамтои илмӣ боқӣ монда, барои киштиҳое, ки дар Шарқ ва Ғарб ба роҳ баромадаанд, инчунин, барои корвонҳое, ки шабу рўз дар биёбонҳои беканори Осиё сафар мекарданд, дастуруламали ягона ба шумор рафтааст.

Дар девори мадрасаи Мирзо Улуғбеки Самарқанд ҳаккокӣ шудани «Харитаи ҳафт иқлим», ки ба кам одамон маълум мебошад, аҳамияти хоса дорад.

Дар рўзномаи «Овози Самарқанд» аз 18-уми апрели соли 1992 мақолаи «Сурати ҳафт иқлим дар мадрасаи Мирзо Улуғбек»-и устод, академик Ботурхон Валихоҷаев ба табъ расида буд. Аммо дар он айёми нооором мутахассисон ба ин мақолаи дорои аҳамияти бузурги илмӣ эътибори зарурӣ надоданд, муҳокимаву пешниҳодҳои илмӣ ташкил нашуданд ва дар натиҷа он аз назари умум дур монд.

Мутаассифона, тўли 30 соле, ки аз таълифи ин мақола гузашт, ба ҷуз он тадқиқоте бурда нашудааст. Умри устод барои тавсеаи ин мақола ва ба рисола ё лоиҳаи илмӣ табдил додани он вафо накард.

«Харитаи ҳафт иқлим», ки дар девори мадрасаи Улуғбек тасвир ёфтааст, аз ҷумлаи мероси муборaки мо ба шумор меравад. Зарур аст, ки он дар шакли мувофиқ барқарор карда шавад.

**Ҷўлибой ЭЛТАЗАРОВ,**
**проректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва мероси фарҳангии «Роҳи абрешим», профессор.**

## *САХОВАТПЕШАГӢ ОИНИ ҶАВОНМАРДОН АСТ*

Шукрона мекунем, ки дар ҷамъияти имрўзаи мо шахсони саховатманд бисёранд. Рустамҷон Абдурасулов соли дувум аст, ки барои донишҷўёни Донишгоҳи омўзгортайёркунии шаҳри Чирчиқ иқдоми нек менамояд. Соли гузашта аз тарафи ин марди саховатпеша сад нусха рўзномаи «Ховар» ва 50-дона маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» ба донишҷўён туҳфа карда шуд. Камина аз номи муҳассилини гурўҳи тоҷикии донишгоҳ ба ў мамнунияти хешро баён мекунам, ки имсол боз барои мо панҷоҳ нусха аз «Дурдонаи Шарқ» дар дами моҳи муборак – Рамазони шариф тақдим намуд.

**Насимҷон СОДИҚОВ,**
**донишҷўйи соли чаҳоруми гурўҳи тоҷикии ДДОЧ.**

# ВАТАН БО ҶАВОНОН НЕРУМАНД АСТ

***Дар солҳои охир эътибор ба ҳаёти ҷавонон беш аз пеш афзуда, ин ташаббуси Президент дар саросари Ўзбекистон ҳамсадоӣ пайдо кардааст. Ҷавонон чун ояндаи дурахшони Ўзбекистони Нав эътироф шуда, таълиму тарбияи шоиста додан, ба роҳи рост ҳидоят сохтан ва чун фарзандони арзандаи Ватан ба воя расондани онҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи аҳли ҷомеа қарор гирифтааст.***

Назар ба таъкиди раҳбари давлат, агар ҷавонон ҳис кунанд, ки аз эътибори давлати худ дар канор намондаанд ва ҳукумат ба фардои онҳо бефарқ нест, албатта, ҳама салоҳияти худро барои ободии Ватан ва пешрафти он сарф хоҳанд намуд. Масъалаи ҷавонон дар ҳар як нутқи Президент, қарору фармонҳои ў акси худро ёфтааст ва ў ғолибан ҷавонро рўҳбаланд месозад, ки Ўзбекистон маҳз ба ҳамин неруи сабз ва муқтадир такя меварзад.

Аз ҷумла, дар вилояти Қашқадарё ба масъалаи рушди ҷавонон, ки яке аз масоили аввалиндараҷаи қаламрав мебошад, эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Маҳз пас аз даъватҳои Президент ва вазифадор сохтани ҳукуматҳои маҳаллӣ дар робита ба масъалаи рушди ҷавонон дар Қашқадарё низ як зумра корҳо дар амал татбиқ гардиданд. Назар ба гуфтаи мутахассисон, ин корҳо ҳатман дар ояндаи наздик самари худро хоҳанд дод. Лоиҳаи кор бо ҷавонон, ки роҳбари давлат дар маҷлиси ҳукуматии 11 апрели соли ҷорӣ пешниҳод сохта буд, кунун таҳти сарварии ҳокими вилоят Муротҷон Азимов рўйи даст гирифта шуд ва тибқи он шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷавонони аз 14 то 30-солаи қаламрав ба таври фаврӣ омўхта, вазифаҳои бартараф сохтани муаммоҳои ҷойдошта муайян гардиданд. Таъкид мешавад, ки дар вилояти Қашқадарё 916871 нафар ҷавонон зиндагӣ мекунанд ва ҳоло шароити буду боши онҳо омўхта шудаву ба се бахш тақсим гардиданд. Ба гурўҳи «сабз» 394871 нафар ва ба бахши «зард»-и сохтор 522067 нафар ҷавонон дохил карда шуданд. Аммо муайян гардид, ки 39812 нафар ҷавонон бештар ба таваҷҷўҳ ва парастории индивидуалӣ ниёз доранд ва онҳо ба гурўҳи «сурх» шомил гардиданд. Бахши сеюми сохтор ном ба ном ба ҳар як роҳбари ташкилоту муассиса, ҳокимони шаҳру ноҳияҳо ва муовинони онҳо вобаста гардиданд ва барои кумак расондан ба ҷавонон ситоди вилоятӣ созмон ёфта, аз маркази мазкур иҷро гардидани корҳо таҳти назорат гирифта мешаванд.

Гуфта мешавад, ки ҳокими вилояти Қашқадарё Муротҷон Азимов ҳам 55 нафар чунин ҷавононро таҳти назорати худ гирифтааст ва ў кунун вазифадор аст, ки аз нигоҳи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба онҳо таконе бахшида ва аз муаммоҳои ҳаёташон воқиф гардида, дар ҳалли саривақтии мушкилоти вуҷуддошта аз наздик кумак расонад. Алҳол М. Азимов дидору мулоқотро аз ҷавонони ноҳияи Қаршӣ оғоз кардааст ва гуфтааст, ки бояд ба масъалаи ҷавонон ҷиддӣ муносибат кард.

Аз чунин эътибори ҳукумат ҷавонони қаламрав мамнун буда, ният доранд, неруи ақлониву ҷисмонии худро барои рушди Ватан сарф созанд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

*Мадрасаи Мири Араби Бухоро солҳои 1530-1536 сохта шудааст. Мадраса якҷо бо Манораи Калон ва Масҷиди Калон маҷмўи зебои меъмории ягонаро ташкил медиҳад.*

*Дар мадраса бисёр ходимони соҳибилм таълим гирифтаанд. Ҳоли ҳозир тақрибан 200 нафар толибилм дар ин даргоҳ аз фанҳои диниву дунявӣ сабақ мегиранд. Ба хатмкардагон ҳуҷҷати исломшиноси дорои маълумоти миёна ва ихтисоси имом-хатиб супурда мешавад.*

*Дар китобхонаи ин маскан беш аз 20 ҳазор адабиёти гуногуни динӣ ва дунявӣ, дасхатҳои нодир, асарҳои бебаҳо маҳфузанд.*



***Дар сурат:*** *ҳоли ҳозир тақрибан 200 нафар толибилм дар ин даргоҳ аз фанҳои диниву дунявӣ сабақ мегиранд.*

***Суратгир: Т. ИСТАДОВ (ЎзА).***

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-525. Адади нашр 4620 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
Т. Тўхтаев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 05.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.